# Ҷин дар Қуръон ва Суннат

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية ]


Ҳусейн Тоҷӣ Галадорӣ

Баргардонанда: Абдусаттори Ҳақназар

Таҳия ва тасҳиҳ: Мусъабӣ Ҳамза



2013 - 1434

IslamHouse.com

# الجن في القرآن و السنة

«باللغة الطاجيكية»

حسين تاجى گله دارى

ترجمة: عبد الستار حق نظر

مراجعة وتصحيح: مصعب حمزة

2013 - 1434

IslamHouse.com

Мундарича

Пешгуфтор........................................................ 6

Таваккал бар Худо вочиб аст................................ 9

Имон ба ғайб..................................................... 15

Чин..................................................................... 16

Далилҳо аз Қуръони карим................................ 16

Надидани чинҳо далил бар вучуд надоштани онҳо нест.................................................................. 22

Чин аз чи чиз офарида шуда аст?...................... 23

Чигуна чинҳои кофир ба оташи азоб кашида мешаванд?....................................................... 25

Оё чин мукаллаф аст?........................................ 28

Навъҳои чин...................................................... 30

Оё чинҳо мехуранд ва менӯшанд?...................... 32

Чин худро ба шакл ва суратҳои гуногун дар 34

меоварад..........................................................................

Паноҳ бурдан ба ҷин ҳаром аст.......................... 36

Қурбони кардан барои ҷин ҳаром аст................. 38

Кумак хостан аз ҷин  ҳаром аст............................ 40

Оё ҷин ба мардум озор ва азият мерасонад?..... 41

Саръ ва ҷинзадагӣ................................................ 42

Зикри далилҳо аз Қуръон ва суннат................... 43

Иллати ҷинзадагӣ чист?...................................... 47

Нишонаҳои ҷинзадагӣ......................................... 49

Нишонаҳои ҷинзадагӣ дар хоб чунин аст.......... 50

Нишонаҳои ҷинзадагӣ дар бемор....................... 51

Машруъияти илоҷи мас (ҷинзадагӣ)................. 52

Сифатҳои муъолиҷакунанда............................... 54

Кайфияти (чигунагии) илоҷ................................ 55

Марҳилаи аввал пеш аз муъолиҷа кардан......... 55

Марҳилаи дуюм: Илоҷ........................................... 56

Марҳалаи сеюм: Баъд аз илоҷ.............................. 69

Чанд насиҳат барои дар амон будан аз шарри ҷин.................................................................... 71

## Пешгуфтор

Худованд дар ин ҷаҳон бинобар ҳикмати хеш мавҷудоти зиёде офарида аст, ва ҳар кадомеро барои ҳадафе халқ карда аст, бисёре аз ин мавҷудот бо чашм дида мешаванд ва бисёре ҳам қобили дидан нестанд, ҷинҳое ҳастанд, ки Худованд онҳоро монанди инсонҳо барои ибодат офарида аст, Худованд мефармояд:

﴿وَمَا خَلَقْتُ ٱلْجِنَّ وَٱلْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾

[سورة الذاريات ٥٦]

«Халқ накардам инс ва ҷинро магар барои инки ибодатам кунанд».

Сураи Зориёт, ояти 56

Онҳо мавҷудоти ғайби ҳастанд, ки Қуръону суннат аз онҳо сухбат намуда ва имон овардан ба онҳо лозим ва зарури аст, ба тавре, ки уламои ислом иттифоқи назар доранд, ки ҳар кас вуҷуди ҷинро инкор намояд аз доираи ислом берун мешавад, зеро ӯ Қуръон ва суннатро инкор ва такзиб намуда аст.

Албатта мардум тасавуроти гуногун ва мухталиф дар бораи ҷин доранд, ки тасавуроти онҳо вобастаги ба мизони илм ва огоҳии онҳо дарад.

Дар ҷомиаи ҳозираи мо, дар асари ғафлат аз ёди Худо, ва адами парҳез аз муҳаррамот, ва суст шудани пояҳои эътиқоди, шайтон ононро дучори сардаргуми намуда ва аз роҳи рост мунҳариф намуда аст, зеро ҳарчи инсон аз Худо дур шавад шайтон ба вай бештар наздик мешавад.

Масъалаи ҷинзадагӣ ва роҳҳои илоҷи он яке аз масоиле аст, ки имрузҳо инсонҳои бисёре аз мусалмононро ба худ машғул сохта аст, баъзе бо рафтан назди ҷодугарон ва аз роҳи сеҳру ҷоду ва тилисмҳои шайтони ва баъзеи дигаре бо тавассул ба роҳҳои мухталифи дигар хоҳони илоҷ ва шифо аз ин бемори ҳастанд.

Ва агар онҳоро аз ин корҳо манъ кунем хоҳанд гуфт: Пас роҳи шаръии он дар Қуръону суннат чист?

Яке аз дӯстон аз ин ҷониб хостанд ки дар заминаи вуҷуди ҷин ва ҷинзадагӣ ва роҳи илоҷи

шаръии он матолибе ба забони форси ҷамъ овари намоям то ҷавобгуи ин талаби азизон бошад.

Банда бо вуҷуди инки аз навиштани чунин баҳс қосир ва нотавон буд вале бо истиъонат аз Худованд тақозои он дӯсти азизро лаббайк гуфтам, ва китоби ҳозирро ба риштаи таҳрир дар овардам ва ҳамчунин ба фармони расули Худо ҷомаи амал пушида бошам, ки мефармояд:

"Касе, ки метавонад ба бародараш фоида бирасонад, дареғ нанамояд".

Ва умедворам, ки ин китоб роҳнамое бошад барои бародарони мусалмонам ва василаи наҷоти мо дар рӯзи қиёмат бошад, он рӯзе, ки молу дорои бакор наёяд.

Дар поён  аз Худованди бузург масъалат дорам, ки ҳамаи моро аз шари шайтони инсу ҷин нигоҳ бидорад.

Илтимоси дуъои нек.

Ҳусейн Тоҷӣ Галадорӣ

20 раҷаби 1421 ҳиҷрӣ.

## Таваккал бар Худо воҷиб аст

Таваккал бар Худои бузург амре аст матлуб ва маҳбуб, ва Худованд бар он амр намуда ва мардумро басӯӣ он рағбат дода ва мутаваккилинро ситуда аст:

﴿وعلى ٱللَّهِ فَتَوَكَّلُوٓاْ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ﴾

[سورة المائدة ٢٣]

«Ва бар Худо таваккал кунед, агар аз мӯъминон ҳастед!»

Сураи Моида, ояти 23

Пас агар мо мусалмони ҳақиқи ҳастем бояд таваккал бар парвардигорамон кунем.

﴿وَمَن يَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱللَّهِ فَهُوَ حَسۡبُهُۥ﴾

[سورة الطلاق ٣]

«Ва ҳар кас, ки бар Худо таваккал кунад, Худо ӯро кофи аст».

Сураи Талоқ, ояти 3

﴿رَّبَّنَا عَلَيۡكَ تَوَكَّلۡنَا وَإِلَيۡكَ أَنَبۡنَا وَإِلَيۡكَ ٱلۡمَصِيرُ﴾

[سورة الممتحنة ٤]

«Парвардигоро! Мо бар ту таваккал кардем ва ба сӯӣ ту боз гаштем ва бозгашт ба сӯӣ ту аст».

Сураи Мумтаҳина, ояти 4

﴿وَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱلۡحَيِّ ٱلَّذِي لَا يَمُوتُ﴾

[سورة الفرقان ٥٨]

«Ва таваккал кун бар он зиндае, ки ҳаргиз намемирад»

Сураи Фурқон, ояти 58

Ҳамоно таваккали содиқ ва ҳақиқи бар Худованд, таъаллуқи дил бар Аллоҳи якто, лаззат ва ширини дорад, ки шахси мусалмон онро дар дили худ меёбад, ва агар кӯҳҳои дунё бар пушташ гузошта шавад ва мусибатҳо бар вай ҳуҷум оварад, ва бемориҳо бар ӯ чира шавад ҳаргиз лабханди ризоят ва қабул аз вай дур намешавад.

Ҳазрати Абдуллоҳ писари Аббос (р) мефармояд:

«حسبنا الله ونعم الوكيل»

Калимае аст, ки ҳазрати Иброҳим (а) ҳангоме, ки дар оташ андохта шуд фармуд, ва Муҳаммад (с) фармуд: Ҳангоме, ки гуфта шуд:

﴿ٱلَّذِينَ قَالَ لَهُمُ ٱلنَّاسُ إِنَّ ٱلنَّاسَ قَدۡ جَمَعُواْ لَكُمۡ فَٱخۡشَوۡهُمۡ فَزَادَهُمۡ إِيمَٰنٗا وَقَالُواْ حَسۡبُنَا ٱللَّهُ وَنِعۡمَ ٱلۡوَكِيلُ﴾

[سورة آل عمران ١٧٣]

«Ҳамоно мардум барои муқобала бо шумо неру ва ҷамъ овари кардаанд пас аз онҳо битарсед, онон имонашон зиёдагӣ ёфт ва гуфтанд: Худо моро кофи аст ва чи нек корсоз аст».

Сураи Оли Умрон, ояти 173

Ҳазрати Иброҳим (а) халили Аллоҳ таъоло, бутшикани замонаш, падари Пайғамбарон, ба мо чигунаги таваккал бар Аллоҳро меомузад, Ҳазрати Иброҳим (а) дар муҳит ва сарзамини куфр зиндагӣ мекард, ва падараш мушрик буд, ва бут мефурухт, вале ҳазрати Иброҳим (а) аз оғози кудаки тавҳид ва яктопарасти дар дилаш ҷой гирифта буд, ва ба ширку аъмоли мушрикин розӣ набуд, мебинем, ки ӯ табарро ба китфаш мегирад ва равона шуда бо дасти муборакаш бутҳоро реза-реза мекунад ва табарро бар дӯши бути бузург гузошта ва аз бутхона берун

мешавад... Пас сазояш чунин буд, ки ӯро зиндони карданд ва як ғори калон (чуқури) канданд ва дар он ҳезуми зиёде ҷамъ овари намуданд, ҳатто пирзанон ва кудакони зиёде дар ҷамъ оварии ҳезум ширкат карданд, онгаҳ оташ афрухта шуд сипас ҳазрати Иброҳим (а)-ро дар манҷаниқ гузоштанд ва даруни он оташ андохтанд. Ӯ дилаш вобаста бар Худо буд ва таваккалаш бар Ӯ буд. Ва гуфт:

(حسبي الله)

Худо кифоят кунандаи ман аст.

Пас дар он вақти душвор ва сахтӣ, парвардигораш ба фарёдаш мерасад ва нидои илоҳӣ меояд:

﴿قُلۡنَا يَٰنَارُ كُونِي بَرۡدٗا وَسَلَٰمًا عَلَىٰٓ إِبۡرَٰهِيمَ﴾

[سورة الأنبياء ٦٩]

«Гуфтем: Эй оташ, бар Иброҳим сард ва саломат бош».

Сураи Анбиё, ояти 69

Онвақт он оташи шуълавар ба боғи сарсабз табдил ёфт ва оташ бар вай зараре нарасонд, мушрикин дар гирди оташ ҷамъ шуда буданд ва

мунтазири натиҷа буданд, пас ҳазрати Иброҳим (а) аз оташ сиҳат ва саломат берун меояд.

Барон мардуми муъмини ростгӯ,

Чу ингуна гуфтанд қавми ростгӯ,

Шуморо кашонанд дар тангно,

Бибояд битарсед аз он вағо.

Бигуфтанд морост кофи Худо,

Нигаҳбони некест он кибриё.

Ва маънои таваккал ин нест, ки инсон асбобро раҳо кунад, масалан дар ақл рост намеояд, ки инсоне дар хонааш хобрафта ва мунтазири ризқу рӯзи бошад, ки дар манзилаш дохил шавад, дар ривоятҳо омада аст, ки рӯзе ҳазрати Умар (р) гуруҳе аз ҷавонони ибодатгузорро дид, ки дар масҷид нишастаанд, пас аз онон пурсид: Аз куҷо мехӯред?

Онон гуфтанд: мардум ба мо ғизо медиҳанд.

Пас ҳазрат ононро дурра зада ва ба онон гуфт:

Аз инҷо берун шавед, зеро осмон тило ва нуқра намеборонад.

Вале инсон бояд эътиқод дошта бошад, ки Худованд мусабиби асбоб аст, ҳамаи корҳо ба дасти Худо аст ва бо хоҳиш ва хости Ӯ мебошад, балки мо мебинем, ки ҳатто ҳайвонот ва парандагон чигуна ба гирифтани асбоб бо таваккал бар Худо субҳи зуд барои ҷустуҷӯӣ рӯзи мебароянд.

Дар ҳадис омада аст, ки расули акрам (с) фармуданд: «Агар шумо таваккал мекардед бар Худованд таваккали ҳақиқи, ҳар ойна рӯзи дода мешудед ҳамчунонеки парандагон рӯзи дода мешавад, дар ҳангоми субҳ бо шиками холи берун мераванд ва шаб бо шиками пур бар мегарданд».

Аз Худованд масъалат дорем, ки таваккали ҳақиқиро насиби мо гардонад, ва як лаҳза моро бар худ вонагузорад.

## Имон ба ғайб

Ончики бар мо пушида аст ва Худо ва расулаш дар бораи он ба мо хабар додаанд ғайб мебошад.

Ва имон ба ғайб яке аз усули бунёди ақидаи исломӣ мебошад, балки аввалин сифате аст, ки Худованд дар Қуръони карим муттақинро ба он васф намуда ва чунин фармуда аст:

﴿الٓمٓ ۝١ ذَٰلِكَ ٱلۡكِتَٰبُ لَا رَيۡبَۛ فِيهِۛ هُدٗى لِّلۡمُتَّقِينَ ۝٢ ٱلَّذِينَ يُؤۡمِنُونَ بِٱلۡغَيۡبِ وَيُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَمِمَّا رَزَقۡنَٰهُمۡ يُنفِقُونَ ۝٣﴾

[سورة البقرة ١-٣]

«Алиф. Лом. Мим. ин китобе аст ки ҳеч шакке дар он нест ва мояи ҳидояти парҳезгорон аст, он касоне, ки ба ғайб имон доранд ва намоз барпо медоранд, ва аз ончи рузияшон додаем нафақа мекунанд»

Сураи Бақара, оятҳои 1-3

Барои ҳамин бар ҳар мусалмон воҷиб аст, ки ба ғайб имон дошта бошад, имоне, ки шак бар он роҳ надошта бошад.

## Ҷин

Аз чизҳои ғайбие, ки имон доштан бар он воҷиб аст: Имон доштан ба вуҷуди ҷин мебошад, далилҳои бисёре дар Қуръон ва суннати мутаҳҳара дар бораи вуҷуди онҳо зикр шуда аст.

### Далилҳо аз Қуръони карим:

﴿وَإِذۡ صَرَفۡنَآ إِلَيۡكَ نَفَرٗا مِّنَ ٱلۡجِنِّ يَسۡتَمِعُونَ ٱلۡقُرۡءَانَ﴾

[سورة الأحقاف ٢٩]

«(Ба ёд овар эй Паёмбар) ҳангоме, ки гурӯҳе аз ҷинро назди ту равона кардем, ки қуръонро бишунаванд».

Сураи Аҳқоф, ояти 29

﴿يَٰمَعۡشَرَ ٱلۡجِنِّ وَٱلۡإِنسِ أَلَمۡ يَأۡتِكُمۡ رُسُلٞ مِّنكُمۡ يَقُصُّونَ عَلَيۡكُمۡ ءَايَٰتِي وَيُنذِرُونَكُمۡ لِقَآءَ يَوۡمِكُمۡ هَٰذَاۚ﴾

[سورة الأنعام ١٣٠]

«Эй гурӯҳи ҷин ва инс! Оё расулоне аз шумо ба сӯи шумо наомаданд, ки оятҳои моро бароятон

бозгу мекарданд ва шуморо аз мулоқоти чунин рӯз тарс медоданд».

Сураи Анъом, ояти 130

﴿يَٰمَعۡشَرَ ٱلۡجِنِّ وَٱلۡإِنسِ إِنِ ٱسۡتَطَعۡتُمۡ أَن تَنفُذُواْ مِنۡ أَقۡطَارِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ فَٱنفُذُواْۚ لَا تَنفُذُونَ إِلَّا بِسُلۡطَٰنٖ﴾

[سورة الرحمن ٣٣]

«Эй гуруҳи ҷин ва инс! Агар метавонед аз марзҳои осмонҳо ва замин бигузаред, пас бигузаред, вале ҳаргиз наметавонед магар бо неруӣ бузург ва калон».

Сураи Ар-раҳмон, ояти 33

﴿قُلۡ أُوحِيَ إِلَيَّ أَنَّهُ ٱسۡتَمَعَ نَفَرٞ مِّنَ ٱلۡجِنِّ فَقَالُوٓاْ إِنَّا سَمِعۡنَا قُرۡءَانًا عَجَبٗا﴾

[سورة الجن ١]

«Бигу: ба ман ваҳӣ шуда аст, ки гуруҳе аз ҷин ба суханонам гуш фаро додаанд, сипас гуфтанд: Мо қуръони аҷиб шунидаем».

Сураи Ҷин, ояти 1

﴿وَأَنَّهُۥ كَانَ رِجَالٌ مِّنَ ٱلۡإِنسِ يَعُوذُونَ بِرِجَالٍ مِّنَ ٱلۡجِنِّ فَزَادُوهُمۡ رَهَقًا﴾

[سورة الجن ٦]

«Ва инки мардоне аз башар ба мардоне аз ҷин паноҳ мебурданд, ва онҳо сабаби афзоиши гумроҳи ва туғёнаш мешуданд».

Сураи Ҷин, ояти 6

**Далилҳо аз суннат:**

Имом Муслим аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят мекунад, ки фармуд: Шабе ҳамроҳи расули Худо будем, ногаҳон ӯро наёфтем, пас дар водӣ ва дарраҳо ӯро ҷустуҷуӣ кардем, пас гуфтем, ки: Рабуда шуда ё кушта шуда аст, пас ба бадтарин ҳолат шабро гузаронидем, ҳангоме, ки субҳ шуд дидем, ки аз тарафи ҳиро меомад, пас гуфтем: Шуморо ҷустуҷӯӣ кардем ва наёфтем, пас ба бадтарин ҳолат шабро гузаронидем!.

Онгоҳ расули Худо фармуд: «Фиристодаи ҷин назди ман омад, пас ба ҳамроҳи ӯ рафтам, ва бар онон Қуръон хондам».

Ҳазрати Абдуллоҳ мегуяд: Сипас ҳамроҳи мо ба роҳ афтод, ва асари онон ва асари оташи онҳоро ба мо нишон дод ва дар бораи тушае аз расули Худо пурсида буданд, пас ба онон фармуда буда:

«Ҳар устухоне, ки дар он номи Худо бар он бурда шуда барои шумост, вақте, ки ба дастатон мерасад гушти бисёр хоҳад дошт...» сипас расули Худо фармуд:

«Пас бо ин ду (устухон ва саргин) истинҷо накунед зеро, ки хуроки бародаронатон ҷинҳо мебошад».

Муслим 450

Аз Абу Саъиди Худрӣ ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо ба ман фармуданд:

«Ҳамоно мебинам, ки ту гусфанд ва саҳроро дӯст дори, пас ҳаргоҳ дар байни гусфандонат ва дар саҳро буди ва онгоҳ, ки барои намоз азон доди пас овозатро баланд кун, зероки овози муазинро ҷин ва инс ва чизи дигаре намешунавад магар инки дар рӯзи қиёмат барои ӯ гувоҳи медиҳад».

Бухорӣ 609

Аз Абдулоҳ ибни Аббос ривоят аст ки гуфт:

Расули Худо ҳамроҳ бо гуруҳе аз ёронаш ба сӯи бозори "Укоз" рафтанд, дар ҳоле, ки миёни шаётин "ҷин" ва ахбори осмон парда ва мониъе пайдо шуда буд, ва оташ порае ба суяшон андохта шуда буд.

Пас шайтонҳои "ҷинҳо" ба сӯи қавмҳояшон боз гаштанд, пас онҳо гуфтанд: Шуморо чи шуда аст? Гуфтанд: Дар миёни мо ва ахбори осмон парда ва мониъе пайдо шуда аст, ва оташ ба сӯи мо андохта шуда аст.

Гуфтанд: Миёни шумо ва осмон пардае пайдо нашуда аст, магар ба хотири инки коре рух дода аст, пас ба суӣ шарқ ва ғарбӣ замин биравед то бубинед, ки чи чизе сабаби монеъият миёни шумо ва ахбори осмон шуда аст.

Сипас он гуруҳе, ки ба сӯӣ Таҳома рафта буданд, ба бозори Укоз расиданд, ва расули Худо ҳамроҳи асҳобаш дар нахла намози субҳро мехонданд, сипас онон ҳангоме, ки Қуръонро шуниданд, ба он гуш фаро доданд, онгоҳ гуфтанд: Қасам ба Худо ин ҳамон чизе аст миёни мо ва ахбори осмон монеъият пайдо

карда аст, пас ҳангоме, ки назди қавмашон баргаштанд, гуфтанд:

Эй қавми мо, бидуни шак, ки мо қуръони аҷибе шунидаем, ки ба сӯи рушд ҳидоят мекунад, пас ба он имон овардаем ва касеро ба парвардигорамон шарик намегирем, пас Худованд бар паёмбараш нозил фармуд:

﴿قُلۡ أُوحِيَ إِلَيَّ أَنَّهُ ٱسۡتَمَعَ نَفَرٞ مِّنَ ٱلۡجِنِّ﴾

[سورة الجن ١]

«Бигу: Ба ман ваҳӣ шуда аст, ки гуруҳе аз ҷин ба суханонам гуш фаро додаанд».

Сураи Ҷин, ояти 1

## Надидани ҷинҳо далил бар вуҷуд надоштани онҳо нест

Надидани ҷинҳо далил ба вуҷуд надоштани онҳо нест, ва бисёри чизҳо дар атрофи мо вуҷуд дорад аммо мо онҳоро намебинем, монандӣ барқ, ки ҷараён дорад, вале мо онро намебинем, лекин барои исботи он ба асари он дар чароғҳо ва ғайра истидлол мекунем, ва ҳамчунин ҳавое ки ба василаи он вуҷуди онро иҳсос мекунем.

Балки руҳ, ки бар асоси он зиндагии мо устувор аст ва бидуни он мемирем, бо вуҷуди инки онро намебинем ва ҳақиқати онро намешиносем, аммо ба мавҷуд будани он имон дорем.

Ва чизҳои дигаре монанди ҷозибаи замин, неруи оҳанрабо ва ғайраро низ метавон ном бурд.

## **Ҷин аз чи чиз офарида шуда аст**?

Ба таври қатъи ва яқин оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбар (с) бар ин далолат доранд, ки ҷин аз оташ офарида шуда аст.

Худованд мефармояд:

﴿وَخَلَقَ ٱلْجَآنَّ مِن مَّارِجٍ مِّن نَّارٍ﴾

[سورة الرحمن ١٥]

«Ва ҷинро аз оташ халқ кард».

Сураи Ар-раҳмон, ояти 15

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Аббос мефармод: Яъне: Аз оташи холис, ва дар дигар ривоят: Аз шуълаҳои оташ[1].

Ва Худованд мефармояд:

﴿وَٱلْجَآنَّ خَلَقْنَٰهُ مِن قَبْلُ مِن نَّارِ ٱلسَّمُومِ﴾

[سورة الحجر ٢٧]

---

[1]- Тафсири ибни Касир, сураи Арраҳмон 15.

«Ва ҷинро пеш аз он аз оташи гарм ва сӯзон халқ кардаем».

Сураи Ҳиҷр, ояти 27

Ва Иблис вақто, ки ба саҷда кардан ба Одам (ъ) амр шуд чунин фармуд:

﴿قَالَ أَنَا۠ خَيۡرٞ مِّنۡهُ خَلَقۡتَنِي مِن نَّارٖ وَخَلَقۡتَهُۥ مِن طِينٖ﴾

[سورة الأعراف ١٢]

«Ман аз Одам беҳтарам, манро аз оташ офаридаи ва ӯро аз хок офаридаи».

Сураи Аъроф, ояти 12

Ва ҳазрати Ойша (р) мегуяд: Расули Худо (с) фармуданд: «Фариштагон аз нур офарида шудаанд, ва ҷин аз оташ офарида шуда, ва Одам (ъ) аз ончики барои шумо васф шуда офарида шуда аст»

Муслим 2996

## Чигуна ҷинҳои кофир ба оташи азоб кашида мешаванд?

Ин саволе аст, ки хелеҳо онро матраҳ мекунанд, ва агар онҳо каме фикр ва андеша намоянд, ҷавоби ин саволро хоҳан ёфт.

Маълум аст, ки инсон аз хок офарида шуда аст вале феълан ӯ хок нест, фақат асли ӯ аз хок буда аст, инчнин ҷин низ аз оташ офарида шуда вале феълан ӯ оташ нест. Далилҳои зиёде дар ин бора вуҷуд дорад.

Ҳазрати Ойша (р) мефармояд:

Расули Худо дар ҳолеки намоз мехонданд шайтоне наздаш омад, онгоҳ расули Худо ӯро маҳкам гирифт ва гулуяшро фишор дод, ва  фармуданд:

«Онқадар гулуяшро фишор додам, то инки сардии забонашро бар дастам эҳсос кардам».

Насои дар Сунани кубро (11639) ривоят кардааст. Ҳадис саҳеҳ аст.

Аз ин ҳадис чунин натиҷа мегирем, ки ҷин феълан оташ нест, зеро агар оташ мебуд расули Худо

сардии забони шайтонро бар дасти худ эҳсос намекард.

Ва дар ҳадиси дигаре омада аст, ки расули Худо фармуданд:

«Душмани Худо, Иблис, шуълае аз оташ барои гузоштани он дар чеҳраам овард... ».

Муслим рақами 562

Аз ин ҳадис чунин мефаҳмем, ки агар шайтон ба кайфиятеки офарида шуда (оташ) боқӣ мебуд ҳоҷате барои овардани шуълае аз оташ надошт.

Ва ҳамчунин расули акрам (с) фармуданд:

«Шайтон монанди хун дар раги инсон ҳаракат мекуанд».

Нисои дар сунани кубро (11439) ривоят карда аст.
Ҳадис саҳеҳ аст

Пас агар ба ҳолати худаш боқӣ мебуд ҳар ойна ҷасади инсонро месӯзонд.

Ва бояд гуфт: Инсоне, ки аз хок офарида шуда аст шиканҷа додани он ба воситаи хок мумкин мебошад ва ҳамчунин метавон онро бо об азоб ва шиканҷа кард. Пас ҳеҷ ҷои таъаҷуб нест, ки шайтон ва ҷин ки аз оташ офарида шудаанд ба воситаи оташ шиканҷа ва азоб шаванд. Зеро Худованд ба ҳарчиз қодир ва тавоно аст.

## Оё ҷин мукаллаф аст?

Мегӯям: Бале, ҷин низ ба монанди инсон мукаллаф бар ба ҷой овардани авомири шаръӣ аст.

Ба далили, ин фармудаи Худованд:

﴿يَٰمَعۡشَرَ ٱلۡجِنِّ وَٱلۡإِنسِ أَلَمۡ يَأۡتِكُمۡ رُسُلٞ مِّنكُمۡ يَقُصُّونَ عَلَيۡكُمۡ ءَايَٰتِي وَيُنذِرُونَكُمۡ لِقَآءَ يَوۡمِكُمۡ هَٰذَاۚ قَالُواْ شَهِدۡنَا عَلَىٰٓ أَنفُسِنَاۖ وَغَرَّتۡهُمُ ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا وَشَهِدُواْ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡ أَنَّهُمۡ كَانُواْ كَٰفِرِينَ﴾

[سورة الأنعام ١٣٠]

«Эй гурӯҳи ҷин ва инс! Оё Паёмбароне аз шумо ба сӯи шумо наёмаданд, ки оёти моро бароятон бозгуи мекарданд ва шуморо аз мулоқоти чунин руз тарс медоданд?».

Сураи Анъом, ояти 130

Ва ҳамчунин ба ин далил, сухани Худованд:

﴿فَبِأَيِّ ءَالَآءِ رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ ١٣﴾

[سورة الرحمن ١٣]

«Пас (эй гурӯҳи ҷин ва инс) кадом неъматҳои парвардигоратонро инкор мекунед».

Сураи Ар-раҳмон, ояти 13

Ва уламои ислом бар ин матлаб иттифоқи назар доранд, ки ҷин низ монанди инсон мукаллаф мебошад.

Ва Худованд мефармояд:

﴿وَمَا خَلَقْتُ ٱلْجِنَّ وَٱلْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾

[سورة الذاريات ٥٦]

«Ман ҷин ва инсро наёфаридам, магар барои инки ибодатам кунанд».

Сураи Зориёт, ояти 56

Дар натиҷа ҷин низ барои ибодат ва бандаги офарида шуда аст. Пас подоши солиҳон ва некукоронашон биҳишт ва кофирону золимону бадкоронашон дӯзах мебошад.

Ва ҳамчунин дар бобҳои гузашта зикр намудем, ки расули Худо (с) барои хондани Қуръон ва баёни аҳкоми дин наздашон рафтанд, пас бар ин далолат дорад, ки онҳо низ мукаллаф ба умури шаръи ва дини ислом мебошанд.

## Навъҳои ҷин

Ҷинҳо навъҳои гуногун ҳастанд, дар ҳадис омада аст, ки расули Худо фармуданд:

«Ҷинҳо се навъ ҳастанд, як навъи аз онҳо пар доранд, ва дар ҳаво парвоз мекунанд, ва навъи дигаре морҳо ва каждумҳо ҳастанд, ва навъи сеюми онҳо зиндаги мекунанд ва куч менамоянд».[1]

## Ҷои зиндагии ҷинҳо

Ҷинҳо бештар ҷойҳои хилват ва саҳро, ва ҷойҳое, ки дар он касе зиндагӣ намекунад дӯст медоранд, ва ба ҳамин хотир буд, ки расули Худо (с) барои даъвати онҳо ба сӯи Аллоҳ таъоло ва таълими Қуръон барояшон ба саҳро мерафтанд. Чуноне, ки дар ҳадисҳо омада аст.

Ва баъзе дигар аз ҷинҳо дар ҷойҳои касиф ва партовҳо зиндаги мекунанд, ва ин ба хотири он аст, ки онҳо боқи мондаи хуроки инсонҳоро мехуранд. Чунонеки дар ҳадис зикр шуда аст.

---

1- Ҳадиси саҳиҳ аст, имом Таброни дар муъҷами кабир (214 / 22) ва ибни Ҳиббон дар саҳиҳ (6156) ва Ҳоким дар мустадрак (456/2) ривоят кардаанд.

Ва баъзе дигар аз онҳо дар хонаҳо бо ҳамроҳи инсонҳо зиндаги мекунанд.

Ва ҳамчунин дар ҳамомҳо ва дастшуйҳои (ҳоҷатхонаҳо) зиндаги мекунанд. Дар ин ҷойҳо бештар ҷинҳои кофир зиндаги мекунанд, зеро онҳо ҷойҳои нопок ва касифро бештар дӯст медоранд, ва аз бӯи хуб хусусан аз бӯи мушк бадашон меояд.

Ва ҳамчунин дар шикофиҳо ва сӯроххо зиндаги мекунанд, зеро дар ҳадис омада аст ки:

"Расули Худо (с) аз пешоб кардан дар сӯрох манъ карда аст"[1].

Аз Қатода яке аз ровиёни ин ҳадис пурсида шуд: Барои чӣ пешоб кардан дар сӯрохиҳо кароҳат дорад? Гуфт: Гуфта мешавад, ки ҷои зиндагии ҷинҳо мебошад.

Ва инчунин ҷин дар ҷои хобгоҳи шутур зиндаги мекунад, чунонеки дар ҳадис омада аст.

---

[1]- Аз Абу Довуд ба шумораи (29) ва Аҳмад (82/5) ва Ҳоким (186/1) ривоят карда аст.

## **Оё ҷинҳо мехуранд ва менӯшанд?**

Ҳадисҳои зиёде ривоят шуда аст, ки ҷин мехурад ва менӯшад. Ҳазрати Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки ӯ ҳамроҳи Пайғамбар (с) буд, ва барояшон об барои қазои ҳоҷат ва таҳорат мегирифтанд. Рӯзе ҳамроҳ бо об аз пушти Паёмбар (с) мерафт, пас расули Худо фармуд:

«Ин кист?»,

Ӯ гуфт: Ман Абуҳурайра ҳастам, расули Худо фармуд:

«Бароям чанд санге барои таҳорат гирифтан биёр, ва устухону саргин наёр» Пас ман сангҳоро дар бағали худ гирифта будам овардам ва назди расули Худо гузоштам, то инки эшон тамом карданд, ҳамроҳашон роҳ рафтам, ва сипас пурсидам: Устухону саргин чи корашон аст (чи чиз доранд)?.

Фармуданд: «Он ду хӯроки ҷин мебошад, чунки гурӯҳе аз ҷинҳои Насибийин назди ман омаданд (ва чи ҷини хубе) онгоҳ аз ман туша талаб карданд, ман барояшон аз Худо хостам ва дуъо кардам, ки бар ҳеҷ

устухон ва саргине гузар накунад, магар инки бар он хурок биёбанд»[1].

Ва ҳазрати Абдуллоҳ писари Умар (р) ривоят мекунад, ки: "(Инсон ҳар вақт, ки) Хост ғизо бихурад бо дасти рост бихурад, ва ҳаргоҳ хост об бинушад пас бо дасти рост бинушад, зеро ки шайтон бо дасти чап хурок мехурад ва бо дасти чап об менушад"[2].

---

[1]- Бухорӣ (3860).

[2]- Муслим (2020) ривоят карда аст.

## Ҷин худро ба шакл ва суратҳои гуногун дар меоварад

Худованди бузург ва қодир ин қудратро ба ҷин дода аст, то худро ба суратҳои мухталиф ва гуногун дароварад, ва дар ҳадисҳои бисёре ин ҳақиқат собит мебошад, ки онҳо бештар ба сурати саги сиёҳ, ва мору каждум барои инсон зоҳир мегарданд.

Ва ҳамчунин ба шаклу сурати инсонҳо зоҳир мегарданд, чуноне, ки дар рӯзи ҷанги "Бадр" шайтон ба шакли Суроқа ибни Молик барои мушрикин зоҳир шуд ва гуфт: Имруз касе бар шумо ғалаба намекунад ва ман ҳимоят кунанда ва пуштибони шумо ҳастам.[1]

Ҳамчунин ҷин худро ба шакли шутур, гов, гусфанд, асп, ва парандагон низ дар меоварад...

Пас агар ҷин дар сурат ва шаклҳое, ки гуфтем ошкор шавад, метавонем онҳоро мушоҳида кунем, аммо дар сурат ва шакли аслие, ки Худованд онҳоро офарида

---

1- Ба сирати ибни Ҳишом (534/1) ва тафсири ибни Касир (93/4) муроҷиъат шавад.

аст, дидани онҳо мумкин нест чуноне, ки дар Қуръони карим омада аст:

﴿إِنَّهُۥ يَرَىٰكُمۡ هُوَ وَقَبِيلُهُۥ مِنۡ حَيۡثُ لَا تَرَوۡنَهُمۡ﴾

[سورة الأعراف ٢٧]

«Шайтон ва ҳамдастонаш шуморо мебинанд, аз ҷое, ки шумо онҳоро намебинед».

Сураи Аъроф, ояти 27

## Панох бурдан ба ҷин ҳаром аст

Худованд дар Қуръони карим аз забони ҷин ҳикоят мекунад, ки гуфтанд:

﴿وَأَنَّهُۥ كَانَ رِجَالٌ مِّنَ ٱلْإِنسِ يَعُوذُونَ بِرِجَالٍ مِّنَ ٱلْجِنِّ فَزَادُوهُمْ رَهَقًا﴾

[سورة الجن ٦]

Имом ибни Касир дар тафсири ин оят менависад: "Яъне мо ҷинҳо чунин фикр мекардем, ки бар инсонҳо бартари дорем, зеро ки онҳо харгохе дар ҷойҳои тарснок ва дар саҳро ва биёбон биафтоданд ба бузурги ҷинҳо дар он минтақа ва макон панох мебурданд, мабодо бар онҳо бади ва зараре бирасад. Пас ҷинҳо ҳангоме диданд, ки инсонҳо аз онҳо тарс ва ваҳшат доранд кушиш карданд бисёри онҳоро битарсонанд, то зиёдтар ба онҳо панох биёваранд..."[1]

Панох бурдан бар ҷин ширк аст ва Худованд чизи беҳтар аз он ба мо ато карда аст, Хавла духтари Ҳаким мегуяд: Аз расули акрам (с) шунидам, ки мефармояд: «Ҳаргоҳ яке аз шумо дар ҷое манзил гирифт, ин дуъоро бихонад:

[1]- Тафсири ибни Касир (8/310) сураи Ҷин.

"أعوذ بكلمات الله التامات من شر ما خلق".

«Панох̣ мебарам ба калимаҳо комили парвардигор аз шарри ончи, ки офарида аст.»

Ва ин дуъоро то замоне, ки дар он макон аст бигуяд, чизе ба ӯ зарар намерасонад".[1]

---

1- Муслим (2708).

## Қурбони кардан барои ҷин ҳаром аст

Уламои ислом дар ин масъала иттифоқи назар доранд, ки барои ҷин қурбони кардан ҳаром, балки ширк аст, зеро ин қурбони барои ғайри Худо аст, ва ҳаргиз хурдани гушти он барои мусалмон раво нест, чи расад бар инки шахси мусалмон ин корро анҷом диҳад.

Бояд қурбони барои тақарруб ба даргоҳи илоҳӣ анҷом бигирад ва касе, ки барои ғайри Худо қурбони мекунад дар шариъати ислом малъун номида шуда аст.

Ҳазрати Али писари Абутолиб (р) аз расули Худо (с) ривоят мекунад, ки фармуд: «Худованд лаънат кунад касеро, ки барои ғайри Худо забҳ мекунад»[1].

Вале бо вуҷуди ин афроди ҷоҳил ва нодоне дида мешавад, ки барои кушодани сеҳр барои илоҷи шахси ҷинзада назди соҳир ва он касоне, ки бо ҷин робита доранд меранданд.

[1]- Муслим 1987.

Ва онҳо низ ҳайвонҳои бо сифатҳои хос талаб мекунанд, сипас онро барои ҷин қурбони мекунанд ва хуни онро ба бадани мариз мемоланд, онгоҳ дастур медиҳанд, ки онро дар фалон чоҳ (ё қабристон ё ҷои муайяне, ки хосси ҷинҳо аст) биандозанд, ва дар ҳангоми андохтан номи Худоро нагиранд, зеро ин қурбони барои ҷин аст, ки аз он манъ шуда аст, агарчи он ҷодугар нагӯяд, ки барои ҷин қурбони мекунад.

Чунки аъмол ва кирдори инсон вобастаги ба нияташ дорад.

## Кумак хостан аз ҷин ҳаром аст

Роҳу равиши ҷодугарон бар кумак ва мадад ҷустан аз ҷин ва шайтонҳо устувор аст, ва мадад хостан аз ғайри Худованд ширк аст.

Бояд бигуем, ки шайтону ҷин ҳеҷ вақт хидмате барои ҷодугар анҷом намедиҳанд, магар дар сурате, ки ҷодугар бо гуфтани сухани куфр ва ё бо анҷом додани аъмоли куфри кофир гардад.

Ва ҳарчи бештар нофармони ва сарпечии амри Худоро бикунад шайтонҳо бештар ба ӯ наздик мешаванд, ва фармонашро бештар баҷо меоваранд.

Ва он таъаввузот ва туморҳое, ки ҷодугарон менависанд, бештари онҳо суханони ширкомез ва куфр аст, ки бо ҳарфҳои номафҳум навишта шудаанд.

Ва ҳамчунин талаби мадад аз авлиёи ҷин ва шайтонҳо мебошад. Ҳарчанд, ки баъзе аз калимот ва оёти Қуръонро барои фиреб додани мардуми нодон ба он шомил мекунанд, то мардум чунин гумон кунанд, ки онҳо бо истифода аз калимаҳои Қуръон таъвиз ва дуъо менависанд.

## Оё ҷин ба мардум озор ва азият мерасонад?

Бо далилҳои мухталифи нақли ва ақли собит шуда аст, ки ҷин ба инсон озор ва азият мерасонад, ва ин озору азият ё ба хотири он аст, ки инсон онҳоро озор расонидааст, масалан: Бар сарашон оби гарм рехта ё бар онон пешоб карда, ё инки дар манзилашон манзил намудааст, пас аз ӯ интиқом мегиранд ва ба ӯ озор ва азият мерасонанд ва ё бе ягон сабаб мехоҳанд ба ӯ озор расонанд.

Ва ин фақат як навъи зулму ситам аст, ҳамчуноне, ки инсонҳо ҳангоме, ки сиришташон дигаргун мешавад ва имонашон заъиф мегардад баъзеашон нисбати дигарашон зулму ситамро раво медоранд.

## Саръ ва ҷинзадагӣ

Саръ иборат аз халале аст, ки дар ақли инсон ба вуҷуд меояд, ба тавре, ки намедонад чи мегуяд ва чи гуфта аст, ва шахси масруъ қодир ба идораи ҳаракатҳои худ нест.

Саръ ба ду навъ аст:

Якум: Саръ тавассути нафсҳо ва арвоҳи хабис ва бад (ки он ҷинзадагӣ аст).

Дуюм: Саръ ба хотири ахлот ва ин навъи саръро табибҳо дар бораи сабаби илоҷи он сухан мегуянд.

Ва навъи аввали онро бисёри табибҳо ва ақлониҳо инкор мекунанд. Вале бояд бигуем, ки ин навъ аз анвоъи саръ бо нақл ва ақл собит шуда ва чизе аст, ки мушоҳада мешавад ва ҷои инкораш нест.

## Зикри далилҳо аз Қуръон ва суннат

**Аввал: Далил аз Қуръон:**

﴿ٱلَّذِينَ يَأۡكُلُونَ ٱلرِّبَوٰاْ لَا يَقُومُونَ إِلَّا كَمَا يَقُومُ ٱلَّذِي يَتَخَبَّطُهُ ٱلشَّيۡطَٰنُ مِنَ ٱلۡمَسِّۚ
٢٧٥﴾

[سورة البقرة ١٧٥]

«Касоне, ки рибо мехуранд (дар рӯзи қиёмат) бар намехезанд магар монанди касе, ки бар асари тамоси шайтон девона шуда... ».

Сураи Бақара, ояти 175

Имом Қуртуби мегуяд:

"Ин оят далил аст, бар ботил будани гуфтори касоне, ки саръи тавассути ҷинро инкор кардаанд ва гуфтаанд: Шайтон дар бадани инсон роҳ надорад..."[1].

1- Тафсири Қуртубӣ (3/355).

**Дуюм: Далил аз суннат:**

Ато писари Абирабоҳ мегуяд: Абдуллоҳ писари Аббос ба ман гуфт: Оё мехоҳи зани биҳиштиро ба ту нишон диҳам?

Гуфтам: Бале. Гуфт: Ин зани сиёҳ, назди расули Худо омада ва арз кард: Эй расули Худо ман гирифтори саръ ҳастам ва дар вақти саръ баданам намоён мешавад, пас бароям дуъо бифармо.

Расули Худо фармуд: «Агар хости сабр куни ва подошат биҳишт хоҳад буд ва агар хости бароят аз Худованд дуъо ва талаб мекунам то туро шифо диҳад?». Ӯ гуфт: Сабр мекунам. Пас гуфт: Эй расули Худо баданам луч ва намоён мешавад, аз Худованд бихоҳ то инки намоён ва луч нашавам. Онгоҳ расули Худо барояш дуъо кард.[1]

Дар ривояти Бухорӣ омада аст, ки номи он зан умми Зафар буд.[2]

Имом ибни Ҳаҷар дар Фатҳул борӣ мегуяд: Дар ривояти Баззор омада аст, ки он зан гуфт: "Ман

[1] Ин ҳадисро Бухорӣ (5452) ва Муслим (2574) ривоят карда аст.
[2] Саҳеҳ Бухорӣ (5452).

аз хабис метарсам, ки манро бараҳна созад" ва мурод аз хабис шайтон мебошад.

Ва саръе, ки умми Зафар ба он гирифтор шуда буд аз навъҳои саръи ҷинзадагӣ буд[1].

Имом Аҳмад аз Яъло писари Мурра ривоят мекунад: Зане назди расули Худо омад дар ҳоле, ки фарзанди хурдсолаш, ки бемор буд (ҷинзада шуда буд) ҳамроҳи худ оварда буд, онгоҳ расули Худо фармуд: «Берун шав эй душмани Худо, ман расули Аллоҳ ҳастам» дар натиҷа он кудак шифо ёфт[2].

Ва дар баъзе аз алфози ин ҳадис омадааст: Мо ҳамроҳи расули Худо дар сафар будем, онгоҳ занеро дидем, ки нишаста аст ва кудаке ҳамроҳаш буд, пас гуфт: Эй расули Худо: Ба ин кудак бало расида аст ва ба хотири балои ӯ моҳам дар бало ҳастем, ва дар шабона рӯз намедонем ӯро мегирад, расули Худо фармуд: "Кудакро ба ман бидеҳ" онгоҳ он зан кудакро баланд кард ва ба расули Худо дод. Ва расули Худо кудакро дар миёни худ ва полони шутураш қарор

[1]- Ба Фатҳулборӣ (10/115) муроҷаъа шавад.
[2]- Муснади Аҳмад (4/172,171).

дод, сипас даҳонашро боз кард ва себор дар он дамид ва фармуданд:

«بسم الله إن عبد الله، أقصا عدو الله»

Онгоҳ кудакро ба модараш баргардонд. Ва фармуд: «Дар ҳангоми баргаштан дар инҷо моро мулоқот кун ва моро аз ҳоли ӯ бо хабар соз».

Яъло писари Мурра мегӯяд: Пас мо рафтем ва дар бозгашт он занро дар онҷо дидем, ки бо худаш се гусфанд дорад.

